# ХУЛОСАИ

## комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих С. Бобомуллоев, доктори илмҳои таърих М. Иброҳимов ва доктори илмҳои таърих Л.Н. Додхудоева бо таҳқиқоти диссертатсионии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навини Тоҷикистон», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Обидов Рустам Ҳошимович воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бойгонӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сохтори давлатӣ буда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқро ифода менамояд. Ҳар як ҳуҷҷати дар он маҳфузбуда, паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро таҷассум мекунад. Тағйиротҳои дар

даҳсолаҳои охир ба амал омада, мақоми хадамоти бойгониро дар системаи муассисаҳои бойгонӣ афзун намуда, маъмуриятҳои онҳоро нисбатан васеъ месозад. Имрӯз маҳз бойгониҳо ҳамчун манбаъи омӯзишӣ имконият фароҳам меоваранд, ки мутахассисон беш аз пеш ба ин манбаъҳо рӯ оранд ва саҳифаҳои торики таърихи кишварро рӯшан намоянд. Бойгонӣ макони рушду инкишофи илми таърих ва пажӯҳишгоҳи илмӣ - татқиқотӣ мебошад. Хазинаҳои Филиали Бойгонии маркази давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор қисми таркибии хазинаи миллии бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ки таҳқиқи таърих ва такомули Филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки унвонҷӯ ба доираи таҳқиқотҳои илмӣ ҳуҷҷатҳои пурарзиши бойгониро натанҳо роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии Ҳисор, инчунин роҷеъ ба ноҳияҳои ҳамҷавори Шаҳринаву Турсунзода ва собиқ ноҳияҳои Регар, Пахтаобод ва Алмосӣ ворид намудааст. Ҳамчунин Рӯйхати хазинаҳои дар Филиал, Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Ҳисор мавҷудбударо тартиб дода, ба шакли “Роҳнамо”чоп кардааст. “Роҳнамо” ба ҳамаи ашхоси аз маводҳои бойгонии мазкур истфодабаранда ҷиҳати дарёфти саривақтии иттилооти зарурӣ кӯмак менамояд, бо сохтор ва мундариҷаи хазинаҳои дар филиали Бойгонии маркази давлати Ҷумхурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, ки қисми таркибии хазинаи миллии бойгони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ошно менамояд, мурoҷиати шаҳрвандон, аз ҷумла кормандони илмиро осон ва самарабахш мегардонад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқикот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ва муайянсозии роҳҳои ташаккули Филиали бойгонии маркази ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор -

ҳамчун қисми таркибии Бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Барои ноил шудан ба ин хадаф, диссертант дар назди худ вазифаҳои зерин мегузорад:**

- баррасии таърихи бунёд ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Водии Ҳисор;
- омӯзиши таърихи таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор;
- муайянсозии маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ;
-пайгирии таърихи барқарорсозии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор;
- муайянсозии манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;
- шарҳи таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;
- баррасии масъалаҳои нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;
- тавзеҳи мазмун ва усулҳои санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор;
- шарҳ додани хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун мнбаъи таҳқиқоти таърихи навтарини Тоҷикистон.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ мавзӯи диссертация ҳамчун объекти маҷмӯии таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои БМДТ ва хазинаҳои ФБДМТ дар ш. Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд. Бахусус, ҳуҷҷатҳои нодири бойгониҳои зикршуда роҷеъ ба сохтмони Канали Калони Ҳисор, таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Регару Пахтаобод дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), зилзилаи Ҳисор маълумотҳои муфид медиҳанд. Дар диссертатсия бори аввал ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар "Рӯйхати (феҳристи)

хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Ҳисор" гирд оварда шудааст, ки тибқи он имрӯз дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд.

**Аҳаммияти амалиявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия минбаъд дар таҳияи таърихи навтарин халқи тоҷик, бахусус омӯзиши таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Шахринав ва Турсунзода истифода шуда, ҳамзамон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёни шуъбаҳои бойгоншиносии Донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои мамлакат мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Хулосаю пешниҳодоти довталаб, ки ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои номбурда равона шудаанд, барои беҳтар намудани фаъолияти бойгониҳо кӯмаки амалӣ хоҳанд расонд.

Мазмуни асосии рисола дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навини Тоҷикистон» аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) тавсия карда мешавад.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:** 1.Рисолаи номзадии унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи омӯзиши таърихи навини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз

рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) тавсия дода шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) **Абдуллоев Маҳмуд Холович** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

Б) **Ёрмуҳаммадов Амиршоҳ** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. **Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

**4.**Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5.Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Бобомуллоев С.Ғ.**
**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**
**доктори илмҳои таърих** **Додхудоева Л.Н.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**
26.10.22.

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО